ҲУҚУҚИ ИНСОН-АРЗИШИ ОЛӢ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 8 Декабр, 2025 - 15:09
[1]

8 декабр дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабр) дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон-арзиши олӣ» мизи мудаввар баргузор шуд.
Дар ҷамъомад намояндагони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Кумита иштирок намуданд.
Муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баротзода Файзиддин Камолиддин иброз намуд, ки дар Тоҷикистон чун ҷузъи ҷудонопазир ва комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд диққати махсус равона гардидааст.
Директори Муассисаи давлатии "Маркази миллии тарҷума"-и назди Кумитаи забон ва истилоҳот Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа афзуд, ки дар Конститутсияи ҷумҳурӣ тибқи моддаи 5, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ шинохта шудааст ва давлат масъул гардидааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд.

Баҳодиҳии муҳтаво: Select rating
Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

-

[5]

-

Манбаъ::https://kumitaizabon.tj/tg/content/khukuki-inson-arzishi-oli?mini=2026-02&page=1631

Пайвандҳо
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/597618368_122183426708462396_4429908519547879370_n.jpg [2] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/596372537_122183426528462396_5191272340943354588_n.jpg [4] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/596413007_122183426486462396_7140560407734072865_n.jpg [5] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/597618368_122183426708462396_4429908519547879370_n.jpg